# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст.**

Истеъдоду маҳорат ва қобилияти ҷӯяндагии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар шароити муосири ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва маориф, истифодаи методҳои инноватсионии таълим (интерактивӣ) зимни таълими фанну предметҳо сазовори ситоиш ва таҳсин мебошанд. Дар муддати 7 соли корӣ, ки ӯ ба омӯзиш ва пешбурди таҳқиқот дар самти салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ машғул аст, фаъолияти пажуҳишии ӯ натиҷаю самараи хуб ба бор овардааст.

Қобили тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло ҳанӯз аз солҳои нахустини кору фаъолияти меҳнатиаш зимни корҳои озмоишӣ, омода кардани маърузаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ сурат гирифтааст, ки заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил мекунанд.

Кори диссертатсионии унвонҷӯй Абдуллозода Н.С. ба асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавию озмоишии мазмун ва технологияи риояи бонизоми истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар асоси таҷрибаҳои кишварҳои пешрафта ва афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шуда, дар шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба сомон расидааст.

Абдуллозода Начибулло Сайфулло зимни ичрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилонаи пеш бурдани омӯзиш ва чустучӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист.

Дар муҳлати пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ Абдуллозода Начибулло Сайфулло худро ҳамчун унвончӯи қавиирода, серталаб ва масъулиятшинос нишон дода, собит намуд, ки ӯ як таҳқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор аст ва минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотиро муайян ва бошууронаву амиқан дарк намояд, натичаҳои дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил карда, методҳои ба мақсад мувофиқро барои анчом додани таҳқиқот муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-тачрибавии гузаронидаи муҳаққиқ Абдуллозода Н.С. оид ба проблемаи салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар мақолаҳои илмии дар мачаллаҳои илмии тақризшавандаи аз чониби КОА-и назди Президенти ЧТ тавсияшуда, инъикос ёфтаанд.

Муҳаққиқ Абдуллозода Н.С. дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Чомӣ ва Академияи таҳсилоти Точикистон муваффақона дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотиаш бо маърузаҳо баромад намудааст.

Дар мачмуъ муҳаққиқ Абдуллозода Начибулло Сайфуллоро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки қодир аст мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо ичро намояд.

Ба сифати роҳбари илмии унвончӯ таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Начибулло Сайфуллоро дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба тариқи мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва пурра анчомёфта арзёбӣ намуда, онро

барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
и.в., дотсент, муовини директор оид ба илм
ва захираҳои иттилоотии Муассисаи давлатии
"Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолзода С.

09.01.2025
Имзои С. Камолзодаро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исломов А.

Суроға: кӯчаи Теҳрон – 5.
Тел.: 221-89-76; 918232822